**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ – н.и.и., дотсент Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич ба диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзӯи “Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст**

Одиназода Аслам Мадгиё, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли таваллудаш 1975, маълумоташ олӣ, оиладор ва соҳиби 5 фарзандон мебошад. Одиназода Аслам Мадгиё соли 1996 Филиали Донишгоҳи техникии ш. Хуҷандро бо ихтисоси муҳандис-технолог ва соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро бо ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит хатм намудааст. Аз соли 1998 то соли 2000 ба сифати корманди шуъбаи тиҷорати Ҷамъияти саҳомии «Хуросон»-и ноҳияи Москва, солҳои 2000-2001 мудири шуъбаи муассисаҳо ва сохтори бозоргонӣ дар Вазорати ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, солҳои 2003-2005 Мутахассиси шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе, солҳои 2005- 2023 Сармуҳосиби муҳосиботи марказонидашудаи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, соли 2023 то 2024 ба сифати сармутахассиси шуъбаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи мазкур, соли 2024 то августи соли 2025 сармутахассиси шуъбаи аудити Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва аз моҳи августи соли 2025 то ҳол сармутахасис-сармуҳосиби раёсати тандурустии ш. Душанбе шуда фаъолият менамояд.

Мавзуи илмии Одиназода Аслам Мадгиё дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим ва мубрам мебошад. Мушкилоти ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар қарор дорад. Сарфи назар аз таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои гуногуни давлатӣ, сатҳи рушди сармояи инсонӣ дар Ҷум-

ҳурии Тоҷикистон нокифоя боқӣ мемонад. Дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ норасоии кадрҳои баландихтисос ва дорои қобилиятҳои иноватсионӣ баръало эҳсос мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон барои ҷалби кадрҳои соҳибихтисос аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳанд. Дар баробари ин, омили «муҳоҷирати меҳнатӣ» ба раванди ташаккули сармояи инсонии миллӣ барои давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ таъсири норавшан дорад. Дар робита ба ин, таҳияи Консепсияи миллии рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе назардошти равандҳои танзими муҳоҷирати меҳнатии берунӣ, бо назардошти тазъифи таъсири омили «фирори мағзҳо» имконнопазир аст. Мавориди зикршуда зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои такмили равандҳои ҳамкории институтҳои асосии ташаккул ва рушди сармояи инсониро дар асоси таҳлили системавии ҷараёнҳои тайёр кардан, бозомӯзӣ, инчунин нигоҳ доштани кадрҳои соҳибтахассусро барои таъмини рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ тақозо менамояд. Ҳамаи ин аҳамияти мавзуи интихобнамудаи Одиназода Аслам Мадгиёро собит месозад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ шарҳ дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ» асосҳои консептуалии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар

шароити иқтисодиёти инноватсионӣ тавсиф шуда, принсипҳо ва механизмҳои асосии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити мазкур тадқиқ шудаанд, инчунин, омилҳои муассир ба рушди институтҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ шарҳ дода шудаанд.

Дар боби дуюм - «Вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тамоюли рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди сармояи инсонӣ баррасӣ гардидааст ва дар асоси амсилаи риёзӣ таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон анҷом дода шудааст.

Дар боби сеюм - «Самтҳои рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амсилаи консептуалии ташаккулёбии арзиши стратегии сармояи инсонӣ коркарда баромада шуда, рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили ҳамкории мутақобилаи давлат, бозори меҳнат ва низоми маориф тадқиқ ва усулҳои танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиш додани ҷараёни "фирори мағзҳо" баррасӣ гардидааст.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал татбиқ намудани роҳу усулҳои такмили механизми идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ оварда шудаанд.

Дар ҷараёни навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ Одиназода Аслам Мадгиё аз худ қобилияти баланди илмӣ, таҳлилӣ ва ҷамъбандӣ намудани хулосаҳои илмиро зоҳир намуд. Ӯ дар ин муддат тавонист, ки ҳаҷми хеле зиёди адабиёти марбут ба мавзуи худро ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбандӣ намояд. Натиҷаи ҷустуҷуҳои илмӣ ба ӯ имкон дод, ки ба сифати методо-логияи тадқиқ принсипҳои асосии мактаби институтсионалиро интихоб намуда, дар асоси он тавсияҳои илми худро ҷиҳати ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ коркард ва пешниҳод намояд.

Хусусияти фарққунанди тадқиқоти Одиназода Аслам Мадгиё дар он ифода мeёбад, ки омилҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар муҳити институтситсионалии рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷӯҳ ба мушкилоти "фирори мағзҳо"-ро дар шароити хоси ҶТ дастабандӣ намудааст, ки сабаб ва натиҷи татбиқи сиёсати рушди иқтисодиёти навоваронаро дар ҷумҳурӣ бо назардошти муаммоҳо ва мавонеъи мавҷуд дар ин самт, шарҳ медиҳанд.

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои тадқиқотро инкишофи назарияи сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, татбиқи он дар минтақаҳое, ки теъдоди захираҳои меҳанатиашон зиёд мебошад, муайян менамояд. Муқаррароти алоҳидаи натоиҷи тадқиқот асосҳои назариявии иқтисодиёти меҳнатро бо таваҷҷуҳ ба коркарди моделҳои муосири омодасозии кадрҳои дорои тавонмандии инноватсионӣ пурратар менамояд.

Одиназода Аслам Мадгиё шахси хоксор, заминӣ, ботаҳамммул ва дорои иродаи қавӣ мебошад. Дар муносибат бо атрофиён самимӣ ва дорои ахлоқи олии инсонӣ аст. Дар давоми фаъолияти кориаш аз муассисаҳои мухталиф сазовори ифтихорномаҳо ва қадрдонӣ қарор гирифтааст. Аз соли 2014 аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд гуфт, ки як қатор тавсия ва пешниҳодҳои Одиназода А.М. дар раванди таълим дар донишгоҳҳои кишвар дар амал татбиқ карда шудааст.

Ба андешаи мо Одиназода Аслам Мадгиё дар ҷараёни тадқиқи масоили такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ ба ҳадафи асосии худ, ки асоснок намудани ҷанбаҳои назариявии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати таъмини бозтавлид ва истифодаи

самараноки саромояи инсонӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ноил гардидааст. Диссертатсияи пешниҳоднамудаи ӯ ҷавобгӯ ба талаботҳои Низомномаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад ва кори мустақилонаи ба анҷом расонидашуда буда, барои муҳокимаи минбаъда ва ҳимоя дар Шурои диссертатсионии мувофиқ ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: н.и.и, дотсенти**
**кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ** **Ҳодиев Д.А.**

**Суроға:**
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони А. Рӯдакӣ, 17.
**Телефон:** 992 93 501 7051.
**E-mail:** mfahim@mail.ru

Имзои Ҳодиев Д.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ
Шоехонзода Э.М.